**ҚАРОРИ**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**аз 17 январи соли 2025, №53** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҷурахонзода Б.Ҷ, тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, професор, профессори кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна, доктор (PhD) аз рӯи ихтисоси молия, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Якубзода Маъруф Садруддин, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., дотсент Шариф Р., д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М. (тариқи маҷозӣ) ва д.и.и., дотсент Ҳикматов У.С. ва Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Баротов Амирхон Холмирзоевич дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Баротов Амирхон Холмирзоевичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**17 январи соли 2025.**